# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ Саидов А. ба рисолаи номзадии Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09– таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Омӯзиши маъхазҳои хаттӣ, махсусан сафарномаҳо, дар омӯзиши таърихи ин ё он давра нақши муҳим мебозанд, зеро воқеаҳои дар ин асарҳо инъикосгардида мушоҳидаи бевоситаи муаллифон буда, ё дар асоси гуфтаи шахсони боэътимоду санадҳои расмӣ навишта шудаанд. Дар ин ҷода таҳқиқи сафарномаҳои сайёҳони аврупоӣ дар омӯзиши таърихи халқои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Мовароуннаҳру Хуросон, мавқеи хосеро ишғол менамояд, зеро дар онҳо маводхое ҷой доранд, ки дар маъхазҳои хаттии дар Мрвароуннахру Хуросон таълифёфта оварда нашудаанд. Асари Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» аз зумраи маъхазҳои арзишманди таърихие мебошад, ки муаллифи он дидаву шунадаҳои худро ҳангоми сафар ба Самарқанд рӯи коғаз овардааст ва яке аз аҳамияти таърихии ин асар дар ҳамин зоҳир мегардад.

Мубрамияти ёддоштҳои Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» дар он зоҳир мегардад ки муаллифи он бисёре аз дидаю шунидаҳояшро чи аз лиҳози иҷтимоӣ ва чи аз назари идориву сиёсӣ роҷеъ ба сарзамини густурдаи Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳри ибтидои асри XV рӯи коғаз овардааст ва ахбори Клавихо бисёр ҳаводиси таърихии охири асри XIV ва оғози асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро комил менамояд.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот хело бой буда аз маъхазҳои зиёди таърихию ҷуғрофии асримиёнагӣ ба таври фаровон истифода бурда шудааст.

Унвонҷӯ ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи ин асари пурарзиш дар назди худ вазифа гузошта буд, ки сохтору муҳтавои онро муайян карда, маводи тозаи ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи

дуюми асри XIV ва оғози асри XV алоқамандро аз он пайдо намояд ва дар асоси асоси баррасиҳои татбиқӣ дараҷаи ба дурустӣ ва саҳеҳии маводҳои ин рисола баҳои реалӣ дода, маводҳои онро ба гардиши илмӣ ворид сохта, мавқеи ин асарро дар байни маъхазҳои дигари асримиёнагӣ муайян созад. Ҷонмуродов Ш.М. вазифаҳои мазкурро бомуваффақият анҷом дода, ба мақсади мақсади худ ноил гардидааст.

Рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт аст. Дар пешгуфтор дар бораи мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, сатҳи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, пойгоҳи сарчашмашиносӣ, навоварии илмӣ ва мушаххасоти дигари зарурӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Сохтор ва мазмуни бобҳои рисолаи Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406) » аз се зербоб иборат буда, дар зербоби аввал дар бораи муаллиф ва рисолаи ӯ «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» маълумот оварда шудааст. Қайд гардидааст, ки оид ба ҳаёт ва фаъолияти Руи Гонсалес де Клавихо дар дабиёти илмӣ маводи зарурӣ вуҷуд надорад ва ҳамаи маълумотҳо доир ба ин муаллиф танҳо аз қайдҳои сафари худи ӯ дарёфт гардидаанд. Ин асари Клавихо ба забонҳои мухталиф борҳо тарҷума ва нашр гардидааст, ки он аз нодир ва муҳим будани ахбори ӯ шаҳодат медиҳад.

Зербоби дуюми боби аввал ба масъалаи сохтор ва тавсифи мазмуни бобҳои «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)» бахшида шудааст. Диссертант ин рисоларо аз рӯи мазмун шартан ба 15 бобҳо ҷудо намуда дар бораи мазмуни ҳар як боб маълумот додааст. Аз таҳлили мазмуни бобҳо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (1403-1406)» бармеояд, ки муаллиф ҳангоми аз шаҳрҳо ва ё маҳалҳои аҳолинишин гузаштан ба мавқеи ҷойгиршавии онҳо, канданиҳои фоиданок ва ҷойҳои ҷолиби он таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро моҳирона рӯи коғаз овардааст. Муаллифи асар баъзан ҳангоми инъикоси маводи таърихӣ ба ин ё он воқеаҳо андешаҳои шахсии худро баён кардааст, ки он дар муайян кардани ҷаҳонбинии ӯ нақши муҳим дорад.

Дар зербоби сеюми боби аввал маълумотҳои таърихӣ-ҷуғрофии Руи Гонсалес де Клавихо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Руи Гонсалес де Клавихо ҳангоми сафар ба Самарқанд, аз бисёр шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишини Хуросону Мовароуннаҳр гузашта доир ба он мавзеъҳо ахбори пурарзиш овардааст. Ҷонмуродов Ш.М. маълумоти Клавихоро доир ба шаҳру вилоятҳо бо ахбори маъхазҳои дигари асримиёнагӣ муқоиса намуда, ба хулоса омадааст, ки гуфтаҳои Клавихо ба ҷузъ аз баъзе лаҳзаҳои алоҳида ба далелҳои таърихӣ пурра мувофиқат карда, онҳо саҳеҳ ва дақиқ мебошанд. Аксари ахбори Клавихо, ки доир ба шаҳрҳои Кеш ва Самарқанд овардааст, дар сарчашмаҳои дигари хаттии асримиёнагӣ дида намешаванд ва ин арзиши ин ёдгориро дар омӯзиши таърих ва фарҳанги давраи мавриди таҳқиқ боз ҳам афзун менамояд.

Боби дуюми рисола «Бозтоби баъзе ҳаводиси таърихии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи дуюми асри XIV – ибтидои асри XV дар «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо» аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал ахбори шарҳиҳолӣ роҷеъ ба Темурланг ва баъзе аз намояндагони хонаводаи ӯ, ки дар рислаи Клавихо зикр гардидааст, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Клавихо дар бораи падари Темурланг – Тарағой мегӯяд, ӯ ҳарчанд аз хонадони ашрофи қабилаи чағатоӣ бошад ҳам, сарватманд набуд ва дар деҳи наздикии шаҳри Кеш зиндагӣ мекард. Ҷонмуродов Ш.М. ба ин ахбори Клавихо аз назари танқидӣ назар карда қайд менамояд, ки дар ин матлаби Клавихо ихтилоф ба назар мерасад, зеро модоме, ки ӯ аз қабилаи ашрофи муғул бошад, пас бояд сарватманд мебуд, зеро баъди ишғоли Мовароуннаҳр ашрофи низомии муғул ва пешвоёни қабилаҳои он соҳиби заминҳои зироатӣ ва шаҳрҳои ободони Мовароуннахр шуданд. Клавихо аз намояндагони хонадони Темурӣ бештар дар бораи писари Темурланг – Мироншоҳ маълумот медиҳад.

Дар зербоби дуюми ин боб шарҳи муқаррароти маросими пазироии сафирон ва базморой дар дарбори Темурланг тибқи ахбори Клавихо

оварда шудааст. Унвонҷӯ такя бар ахбори Клавихо менависад, ки дар вилоятҳо ва шаҳру деҳоти қаламрави давлати Темурланг, ки дар сари роҳи сафари ҳайати испанӣ ба Самарқанд қарор доштанд, бо фармони Темурланг фиристодагони испаниро бо маросим ва одатҳои хоси меҳмонпазирой, ки дар он ҷойҳо вуҷуд дошт, қабул мекарданд ва бо дастури Темурланг ин ҳайатро бо лавозими зарурӣ таъмин менамуданд. Ҳангоми пазироиҳо дар шаҳрҳои дигар то расидан ба Самарқанд илова бар ғизоҳои зарурӣ, ба ҳайат шароб низ медоданд. Унвонҷӯ аз ин ахбори Клавихо ба хулоса омадааст, ки бо вуҷуди манъ будани хӯрдани шароб дар шариати исломӣ, шаробхӯрӣ дар меҳмондориҳои Темурланг ва ҳамсафонаш як чизи маъмулӣ будааст.

Зербоби сеюми боби дуюм ба масъалаи муносиботи Темурланг бо ду рақиби сиёсиаш – Туқтамишхон ва Йилдирим Боязид бар мабнои ахбори Клавихо бахшида шудааст. Тибқи таъкиди унвонҷӯ Клавихо дар асари худ дар бораи набарди байни Темурланг бо Туқтамишхон, ки соли 1395 дар Дашти Қипчоқ сар зада буд, бо баъзе ҷузъиёташ маълумот дода, қайд менамояд, ки Туқтамишхон ба Темурланг бо назари таҳкир нигариста, ӯро сазовори ҳукумат намедонист. Дар бораи задухӯрди Йилдирим Боязид бо Темурланг Клавихо менависад, ки шикасти Боязид аз Темурланг боиси ба Самарқанд фиристодани ҳайати испанӣ гашта буд.

Ҷонмуродов Ш.М. пас аз таҳлили ахбори Клавихо роҷеъ ба муносиботи ду ҳокими турки таҷовузгари асри миёнагӣ – султон Йилдирим Боязид ва Темурланг ба хулоса меояд, ки маълумотҳои ӯ доир ба ин ашхос саҳеҳ буда, ҳангоми қиёс бо маталиби ҳамсони дар манобеи таърихии дигар вуҷуддошта воқеияти худро ба исбот расонидаанд.

Аз матолиб ва натиҷагирии аслии таҳқиқот метавон барои навиштани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ба хусус охири асри XIV ва оғози асри XV, таҳияи дастурҳои методӣ аз фанни "Манбаъшиносӣ" ва омода намудани гузоришҳои илмиву корҳои дипломӣ дар факултетҳои таърих истифода намуд.

Рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» ба таври куллӣ як таҳқиқоти муҳим ва бо арзиш буда, муаллиф маводи зарурирo бо пайдарҳамии мантиқӣ тибқи мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошта пешкаш намудааст.

Рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. мисли ҳама гуна тадқиқоти илмӣ, комилан бенуқсон буда наметавонад ва норасоиву камбудиҳои он аз ҷониби муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ албатта баён хоҳанд шуд. Ӯнвонҷӯ онхоро бо миннатдорӣ ба эътибор хоҳад гирифт.

Сарфи назар аз мавҷудияти камбудиҳои ҷудогона, аз мазмуни умумии рисола ва дастовардҳои илмии унвонҷӯй дар навиштани он ба хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» таҳқиқоти комилан илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ ва методи таҳқиқи таърихӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **А. Саидов**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабавҳо, 9
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А.Дониш
Тел: 919 134184, E-mail: saidov.45@mail.ru

02.09.2021.

Имзои доктори илмҳои таърих,профессор А. Саидовро тасдиқ мекунам

ШУЪБАИ КАДРҲО

Мудири шуъбаи кадрҳо Г.Файзуллоева